Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и
Институти иқтисодиёт ва демографияи
назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).**

1. **Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.06. – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқ мебошад: 1. Коркарди проблемаҳои илмӣ идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунию ташкили истеҳсолот; 4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ, рақамигардонӣ ва «ҳукумати электронӣ» дар низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; 7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патент, ноу-хау, имиҷ, бренд ва г.); 9. Фарҳанги ташкил ва идоракунӣ. Таъсири фарҳанги ташкилӣ ба рафтори иқтисодию иҷтимоии кормандони ташкилот. Идоракунии захираҳои меҳнатии ташкилот. Омилҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва фарҳангии сатҳи зиндагии кормандон. Ташкил ва идоракунии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои меҳнатӣ дар ташкилот; 13. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати шахсии ташкилот ва самаранокии он. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Муҳимияти мавзуи пешниҳодшуда дар он ифода меебад, ки назарияи ташкил ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ умуман дар Тоҷикистон то ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст. Ба фикри мо, сабаби асосии нокифоя таҳқиқ шудани мавзуи мазкур дар он аст, ки мавҳуми “имиҷ” дар солҳои 90-уми асри XX дар ҳудуди собиқ шӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, дар марҳалаи фаъоли ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ, мавриди истифода қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки “Бо рушд ёфтани бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва муҳити рақобатӣ дар он нақши имиҷи муассисаҳои ин соҳа сифати гиреҳӣ пайдо мекунад.” (с.32).

Воқеан, дар натиҷаи кори механизмҳои бозорӣ майлу хоҳиши муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои дарёфти мавқеи бозорӣ, баланд бардоштани сифати барномаҳо ва маҳсулоти таҳсилотӣ, таҳқиқи вазъи бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва меҳнат, махсусан ҳаҷми талабот ба маҳсулоти таҳсилотӣ ва рафтори ракибон фаъол гардиданд. Бинобар ин, ба андешаи мо, дар шароити муосир зарурати мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар робита ба ин, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод, ки меҳвари асосии онро коркарди асосҳои назариявию методологи мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди имиҷи муассисаҳои таҳслоти олии касбӣ ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**3. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.06. – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мутобиқ мебошад: 1. Коркарди проблемаҳои илмӣ идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунию ташкили истеҳсолот; 4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ, рақамигардонӣ ва «ҳукумати электронӣ» дар низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; 7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патент, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғ.); 9. Фарҳанги ташкил ва идоракунӣ. Таъсири фарҳанги ташкилӣ ба рафтори иқтисодию иҷтимоии кормандони ташкилот. Идоракунии захираҳои меҳнатии ташкилот. Омилҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва фарҳангии сатҳи зиндагии кормандон. Ташкил ва идоракунии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои меҳнатӣ дар ташкилот; 13. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати шахсии ташкилот ва самаранокии он. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ.

## 4. Дарачаи навгонии натичаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас дар асоснок кардани заминаҳои назарию амалии мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддӣ ва коркарди тавсияву пешниҳодот доир ба роҳҳои баланд бардоштани имиҷи мусбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки рақобатпазирӣ ва рушди дарозмудати онҳоро дар шароити рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии рушдёбандаи мамлакат муаяйн менамояд, зоҳир мегардад.

Таҳлили диссертатсияи такризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1. Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ моҳият ва механизми ташаккули имиҷ дар низоми дороиҳои ғайримоддии ташкилот, хусусиятҳои ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК), методологияи арзебии имиҷи МТОК мушаххас гардонида шудаанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ барои муайян кардани моҳият ва механизми ташаккули имиҷ дар низоми дороиҳои ғайримоддии ташкилот, пеш аз ҳама, ба мазмуни истилоҳи «дороҳои гайримоддӣ» (с.17-19) муқарарот ворид гаштааст. Муаллиф мавҳумҳои имиҷ ва тимсолро дар асоси адабиетҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ баррасӣ намуда, ду нуқтаи назарро якҷоя намуда, мавҳуми имиҷ ва тимсолро аз нуқтаи назари худ шарҳ дод. Ба андешаи муаллиф, имиҷ дар худ дар ҳақиқат баъзе аз тимсолҳои объектро таҷассум мекунад, ки дар натиҷаи фаъолии рӯҳияи инсон, яъне субъект нисбат ба объекти мушаххас ташаккул меёбад. (с. 20 - 27). Зимнан муаллиф хусусиятҳои ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро омухта исбот мекунад, ки ин системаи бисёрзинагӣ унсурҳои асосии ба ҳам алоқаманд, инчунин усулҳои ҳамкории мутақобилаи онҳо, ки дар зери таъсири онҳо тасаввурот дар шуури истеъмолгарони хидматрасониҳои таҳсилотӣ, стейкхолдерон доир ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба вуҷуд омада ба беҳтар намудани иқтидори иктисодӣ ва фарҳангии онҳо мусоидат менамояд (с.32-44). Ҳамзамон муаллиф механизми ташкилии ташаккули имиҷи мусбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро пешниҳод намуд (расми 1.4, с. 43), ки аз аҳаммияти илмию амалӣ холӣ нест.

Унвонҷӯ мафҳуми имиҷи муассисаи соҳаи таҳсилоти олии касбиро ҳамчун "ҳолати ташаккули тимсоли ҳиссиётан орододашудаи муассисаи соҳаи таҳсилоти олӣ дар шуури фарогири аъзоёни ҷомеа - истеъмолгарони хидматрасониҳои таҳсилотӣ, ки манзара ва таносуби фаъолияти тарафҳои гуногуни муассисаҳо ва интиқоли онҳоро ба муҳити берунӣ инъикос менамояд", барассӣ намудааст (с.47).

Бо андешаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки барои баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва идоракунии равандҳои ташаккулу рушди он коркарди муносибатҳои методологию методӣ доир бар ташкилу арзёбии он зарур аст, ва дар баробари ин сохтори имиҷи ташкилотро низ пешниҳод намудааст. Вобаста ба сохтори пешниҳодшуда, муаллифи диссертатсия, арзёбиро дар пайдарпаии зерин, яъне баҳогузории дохилӣ;

баҳогузории берунӣ ва баҳогузорӣ пас аз фосилаи муайяни вақт пешниҳод намудааст (ҷадвали 1.2 с. 50-51).

Ҳамчунин дар диссертатсия исбот шудааст, ки иқтидори кадрӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳи имиҷ ва рақобатпазирии МТОК мебошад (с. 42-59).

2. Муаллиф ба ҳолати муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ ва имиҷи муассисаҳои онҳо дар асоси таҳлили динамикаи шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯён, инфрасохтори МТОК, динамикаи қабули довталбон ба МТОК-и кишвар, динамикаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф ва соҳаи таҳсилоти олии касбӣ баҳо дода, хулоса баровард, ки "раванди баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун омили ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолият оғоз намуд, чунки сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун неъмати дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама дар натиҷаи аз тарафи давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ баҳогузорӣ шудани сатҳи мутобиқати дониш, кордонӣ ва малакаи мутахассисон ба талаботи бозори меҳнат, ки онҳо метавонанд дар оянда ҷойи намоёнро ишғол кунанд," (с.77)

3. Заминаҳои ташаккул ва рушди имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ арзёбӣ шудаанд. Дар диссертатсия, муаллиф барои арзёбии ҳолат ва имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олӣ индекси Херфиндал — Хиршманро (IHH) истифода бурдааст. Аз нигоҳи муаллиф, дар мавриди андешидани тадбирҳо доир ба баланд намудани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои онҳо зарур аст, ки сегменти бозори таҳсилоти олии касбиро, ки талаботи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва бозори меҳнат муаяйн намудааст, мавриди омӯзиш қарор диҳанд (с.80-82).

Дар диссертатсия омадааст, ки ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо сатҳу сифати ҳайати профессорон-омӯзгорон, ки маҳз аз фаъолияти онҳо сифати таҳияи барномаҳои таълимӣ, пешниҳоди хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва ниҳояти кор тайёр намудану хатми мутахассисони соҳибкасб алоқамандӣ дорад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар диссертатсия таҳлил ва баррасии иқтидори зеҳнӣ ва, инчунин, сатҳи таъминоти моддию техникии донишгоҳҳои маъруфи пойтахтро дар ташаккулу рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои таҳия кардани принсипҳои асосии коркарди стратегияи рушди МТОК, ки болоравии имиҷи онҳоро таъмин менамояд, муҳим донистааст (с. 85-111).

4. Зарурати муайян намудани самтҳои мукамалгардонии технологияи коркарди имиҷ ва сохтори ташкилии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин роҳҳои баланд бардоштани имиҷи роҳбар ва такмили методи ченкунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асоснок карда шудааст.

Пешниҳодҳо доир ба ташкили «робита бо мардум»-ро (Public Relations–PR) ҳамчун вазифаи идоракунӣ ва баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шуда, тавсияҳо оид ба таҳияи консепсияи тимсол-имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки гурӯҳҳои бартаридоштаи мақсаднокро (истеъмолкунандагони асосие, ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хидматрасониҳои таҳсилотӣ пешниҳод менамоянд;

шарикони иқтидорманди иҷтимоӣ, стейкхолдерон; сарпарастон ва шарикони рушд) инъикос менамояд, таҳия шудаанд. (с.112-113).

Дар диссертасия аз ҷониби унвонҷӯ нақши ташаккули нархи хидматрасониҳои таҳсилотӣ вобаста ба имиҷи муассисаҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Вобаста ба ин муаллиф зарурати таҳлили даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ ва баҳисобгирии он ҳангоми муайян кардани нархи хидматрасониҳои таҳсилотӣ таъкид намудааст. Ба ақидаи муаллиф, фидокориҳо ва хароҷот бо ташаккул ва коркарди механизмҳои идоракунии имиҷ алоқадошта мақсадҳои пурра кардани даромадҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дунболагирӣ мекунанд. (с.120 -135). Аз ин рӯ, меафзояд муаллиф, имиҷ бояд ҳамчун воситаи махсуси маркетингии барои зиёд шудани даромади мусоидаткунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баррасӣ гардад. (с.140-158).

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии пешниҳодшуда аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиети истифодашуда иборат аст, ки номгуйро дар бар мегирад. Матни умумии диссертатсия 182 саҳифаро ташкил дода, дорои 32 ҷадвал ва 10 расм мебошад.

**5. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Бояд қайд кард, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба коркарди асосҳои назариявию амалии мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди имиҷ ва асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани он равона шудааст.

Барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, муалллифи рисолаи илмӣ усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди методҳои абстраксияи илмӣ, муносибати диалектикӣ, дедуксияаву индуксия, таҳлилу ҷанбаст, методҳои оморӣ, пурсиши иҷтимоӣ, ва дигар истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва муътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии тақризшаванда аз он иборат аст, ки маҷмуи муқаррароти методие таҳия шудааст, ки асосро барои ташаккулу рушди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва роҳҳи ташкилу идоракунии онро бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии таҳсилоти миенаи касбии ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалие, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, дар раванди омодасозӣ ва хондани лексияҳо доир ба курси “Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ”, “Иқтисоди таҳсилот”, “Менеҷменти сифат” барои магистрҳои факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Истифодаи амалии методу механизми баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои соҳаҳои таҳсилоти олӣ, ки дар диссертатсия асоснок шудаанд, имконият медиҳад, ки муассисисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шаклгирии тасаввуроти мусбати ҷомеа оид ба тавсифоти ҷолибият ва афзалиятҳои асосии онҳо мусоидат намояд. Ҳамчунин барои шаклгириву рушди чунин сифатҳои муҳимми ғайримоддӣ ба мисли шуҳрати муассиса, поквиҷдонии кормандон, рақобатпазирӣ, имкониятҳои инноватсионӣ, эътимоднокии истеъмолкунандагону шарикон ва ғ. хидмат намояд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқарарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 11 корҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар феҳрасти маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА – и Ҷумҳурии Тоҷикистони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ба чоп расидаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқарраротӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавқеи донишгоҳ дар рейтингҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин мазмуну мундариҷаи иттилоотии сомонаи расмии он аҳамияти калон дорад. Ба андешаи мо, кор бурд мекард, агар муаллиф ба имиҷи донишгоҳҳои кишвар аз рӯйи нишондиҳандаҳои рейтингҳо ва сифати сомонаҳои амалкунанда арзебӣ мекард.

2. Дар боби 3. , зербоби 3.3. саҳифаи 145 муаллиф дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии калон ташкил намудани Call-марказ ва ё Марказҳои имиҷӣ мувофиқи мақсад мешуморад. Хуб мешуд, агар муаллиф дар баробари пешниҳод намудани сохтори марказ самарабахшии ин сохторро аз ҷиҳати молиявӣ низ асоснок менамуд.

3. Муаллиф дар ҷадвалҳо давраҳои гуногуни вақтро барои таҳлил истифода бурдааст, яъне мувофиқан таҳлили маълумот давраҳои гуногунро дар бар гирифт. Масалан, ҷадвали 2.2., саҳ. 62 (1991/1992-2020/2021), ҷадвали 2.3., саҳ. 64 (2015 - 2021), ҷадвали 2.5., саҳ. 66 (2009/2010-2021/2022), расми 2.2 саҳ. 67 (2010/2011 – 2021/2022) ва ғ.

4. Мебоист таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бештар дар заминаи корҳои илмии олимони ватанӣ, ки ному насабашон дар муқаддимаи кор оварда шудаанд, гузаронида мешуд. Илова бар ин, дар руйхати адабиётҳои истифодашуда асарҳои илмии

аксари олимони ватании номбурда нишон дода нашудаанд. Масалан, Л.Ҳ Саидмуродзода, Н.Н. Шоев, Х.Н. Фақеров, Н.С. Сангинов.

5. Дар қисмати хулосавии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия нуктаҳои нисбатан арзишманди илмие ба назар мерасанд, ки баъзеи онҳо дар қисмати хулосаи диссертатсия инъикос наёфтанд.

6. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ**

Диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо кори илмию тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи иқтисодиёт
ва ташкили соҳибкорӣ Қодирова З.Ҳ.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: + 992 93-507-45-95
e-mail: zarinkadirova@gmail.com

*Имзои д.и.и., профессор Қодирова З.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.